# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026. – 171 с.**

Адабиёти нимаи дуюми садаи XIX аз назари муҳтаво як тозакории бунёдӣ дорад, ки қиёсан бо каломи ҳунарии мавзун нодир, ё худ ҳамчун дарунмояи комилан ноб шинохта мешавад. Ин дарунмояи каломи ҳунарӣ, ки бо номи «равшангарӣ» ва ё «маорифпарварӣ» ёд мешавад, аз осори Аҳмад Махдуми Дониш маншаъ мегирад. Дар баррасиҳои илмии адабиёти ин давра маъмулан афкори Аҳмади Донишро тахти мафҳуми «маорифпарварӣ» ёд мекунанд, вале ахиран адабиётшинос С. Амирзода адабиёти мутараққии нимаи дувуми асри XIX тоҷикро ба сифати адабиёти равшангароии эҳёӣ (ренессансӣ), яъне адабиёти қабл аз замони маорифпарварӣ таҳқиқ ва муаррифӣ кардааст, ки назаре тоза мебошад.

Аз ин дидгоҳ, Аҳмади Дониш адибест, ки бо афкори пешқадами иҷтимоию сиёсӣ ва маданию адабии худ дар таърихи фарҳангу адабиёти халқи тоҷик мақоми баландро ишғол намуда, дар рушду такомули насри даврони хеш саҳмгузор ва ба марҳалаҳои баъдӣ низ таъсиргузор мебошад. Диссертатсия ба таҳқиқи андешаҳои адабӣ-назарии Аҳмади Дониш бахшида шудааст, ки **арзиши махсуси илмӣ** дорад.

Муҳаққиқони адабиёти тоҷик, асосан ба ҷанбаҳои таърихӣ, маърифатӣ ва ҳунарии осори Аҳмади Дониш мутаваҷҷеҳ шуда, андешаҳои адабӣ ва назарии ин мутафаккир ва нобиғаи миллати тоҷик дар партави масъалаҳои дигари ҳаётӣ, хосса тибқи афкори маорифпарваронаи ӯ ағлабан дар шакли мақолаҳо матраҳ шудаанд. Диссертатсияи тақризшаванда бевосита ба андешаҳои адабии мутафаккир бахшида шуда, аз миёни кулли осораш ҷамъоварӣ ва арзиши илмӣ ва адабии онҳо муайян гардидааст, ки барои илми адабиётшиносӣ, махсусан, қисматҳои назарияи адабиёт ва нақди адабӣ ҳам иқдоми заҳматталаб ва ҳам талаби замон буда, **аҳаммияти мавзуи диссертатсияи номзадии** Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзодаро собит менамояд. Дар ин асос мавзуи диссертатсияи мазкурро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки «то ба имрӯз роҷеъ ба афкори адабию назарии Аҳмади Дониш, ки на ба таври рисола ё асари алоҳида иншо шудаанд, балки дар кулли рисола ва осори ӯ баён ёфтаанд, асари тадқиқотие арзи вуҷуд накардааст» (диссертатсия, с. 9).

Таҳқиқи андешаҳои адабӣ-назарӣ ва ҳунари нақидии Аҳмади Дониш, махсусан, масъалаҳои назарияи адабиёти мо комилан ҷавобгӯйи нақшаҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба

номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ва масоили таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад. Агар мушаххастар баён намоем, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, хусусан, **бандҳои 7-8-уми «Соҳаҳои таҳқиқот»-и он комилан мувофиқат менамояд.**

Диссертант таваҷҷуҳ ба андешаҳои назариву амалии илми каломи бадеъ дар баёни андешаҳои олимони адабиётшиноси тоҷик, аз ҷумла дар тақвияти андеша аз таълифоту ишороти С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Н. Маъсумӣ, А. Маниёзов, С. Амир, А. Девонақулов, Х. Олимӣ, М.С. Абдураҳмонов ва дигарон ёдовар шудааст. Бо вуҷуди ин, дар самти шинохту таҳқиқи андешаҳои мутафаккир роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи каломи бадеъ, эҷоду ҳадафи шеър, таъсири шеър, шеъри дуруст ва нодуруст, масъулият ва шахсияти шоир, бадоеъ ва саноеъ, касбу пешаҳои аҳли қалам ва дигар масъалаҳои ба инҳо алоқаманд мавриди таҳлилу баррасии васеъ қарор дода шудаанд ва халое, ки ба назар мерасад, онро кори таҳқиқии мавриди назар то андозае комил гардонида, **навгонии илмии диссертатсия** низ маҳз дар ҳамин нукот зоҳир меёбад. Илова бар ин, дар диссертатсияи тақризшаванда диққати асосӣ ба он равона шудааст, ки андешаҳои ин мутафаккир дар масъалаи андешаҳои адабӣ ва назарӣ дар шакли асари ҷудогона набуда, аз асарҳои таърихӣ, рисолаҳо, ҳикоятҳо ва мусаваддаҳояш ҷамъоварӣ шуда, бори нахуст тасниф ва таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсияи тақризшаванда заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккули андешаҳои адабӣ-назарии Аҳмади Дониш муайян ва услуби хосси баёни онҳо муқаррар гардида, яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи адабиёт, яъне мафҳуми шеър ва шоири комил аз назари Аҳмади Дониш дар муқоиса бо андешаҳои гузаштагони тоҷику форс аз назари таҳлил гузаронда шудааст, ки то ҳол бо чунин паҳно ва вусъати фарогирии масъалаҳо мавриди пажуҳиш қарор нагирифта буд ва ин падида **навгонии илмии кори пажӯҳишии довталабро** бозгӯ менамоянд. Манзури донишмандон гардонидан ва ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи номзадии Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода иқдоми хуб буда, қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи дастгирист.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, мисолҳои мушаххас аз сарчашмаҳои адабӣ манзур шудаанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ва маърузаю гузоришҳои довталаб ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. Диссертант кори

хешро дар асоси методу равишҳои муқоисавӣ-таҳлилӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ мавзуъ ва масоили меҳвариро накду баррасӣ намуда, вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳ ва ба таҳқиқ гирифта, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод баровардааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти тоҷик, хусусан, назму насри нимаи дуюми асри XIX ва коргоҳи эҷодию ҳунарии чеҳраҳои адабӣ ба адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯёну магистрантон ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводди назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Маводи фароҳамомадаро барои таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои назарии адабиёти тоҷик аз асри XVI то XIX, ки ҳанӯз ба таври алоҳида ва ҳамчун як давраи муайяни таърихи адабиёт мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст, истифода кард. Инчунин, ҳангоми навиштани диссертатсияҳои номзадӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, таҳияи васоити таълимӣ, мақола ва дигар корҳои пажуҳишӣ ба ҳайси маводди омӯзишӣ ва илмӣ истифода намудан мумкин аст. Аз ин дидгоҳ диссертатсияи тақризшаванда **аҳаммияти махсуси амалӣ** низ дорад.

Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чаҳор банд манзур намудааст, ки моҳияти бобу фаслҳоро ифода карда, ба гунаи тезис баён ёфтаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **7 мақолаи илмӣ** навиштаанд, ки аз ин миён 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба нашр расонидааст. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода аз муқаддима, се боб, нӯҳ фасл, ҳашт зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, мисолҳои мушаххас, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд ва муҳимтар аз ҳама диссертант истиқлоли андеша дошта, дар хурдтарин ҷузъиёт ба баҳс ворид гардида, назари хешро доро мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои

асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор шарҳу баён ёфтаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Аз таърихи аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон»** аз се фасл фароҳам омадааст. Дар **фасли аввали боби якум**, ки **«Оғози шинохт ва зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо»** ном гирифтааст, бар асоси тазкиранависони ҳамзамонаш, аз қабили Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, Мирсиддиқи Ҳишмат, Садри Зиё, Афзал Махдуми Пирмастӣ, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ва Садриддин Айнӣ, симои ӯ дар осори адабии бадеӣ, ки ин иқдом аз ҷониби Шамсиддин Шоҳин оғоз гардида, аз ҷониби Мулло Музтариб, шоир Тамкин ва Садри Зиё идома пайдо кард ва аз ҷониби устод Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ва адибони дигари тоҷик низ ба ҳукми анъана даромад, маълумоти мушаххас оварда, ба таҳқиқ пардохтааст.

**Фасли дуюми боби аввал «Мухтасар аз таҳлилу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон»** унвон дошта, дар фасли мазкур доир ба ташаббуси пажуҳиши зиндагинома, мероси адабӣ ва таҳлилу нашри осори адиб дар илми муосири тоҷик таҳқиқ сурат гирифтааст.

Дар ин зербахш маълумоти мухтасар овардан аз таҳқиқотест, ки дар онҳо то андозае ба назар ва андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ ва эҷод, манзилат ва вазифаҳои эҷодкор ишораҳо шудаанд ва барои дарёфти ин ишораҳо муаллифи диссертатсияро водор намудааст, то асоситарин иқдомоти омӯзиш ва пажӯҳиши рӯзгори Аҳмади Дониш ва осораш дар тули 100 соли охирро ба баррасӣ оварад.

Мақсади таҳлили зербоби мазкур дар диссертатсия ёдоварӣ аз хидматҳои арзишманди муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илми тоҷик роҷеъ ба шинохтан ва шиносонидани Аҳмади Дониш ва дар заминаи ин таъкид намудани таҳқиқоте, ки дар онҳо то андозае ба назар ва андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ ва эҷод, манзалат ва вазифаҳои эҷодкор ишораҳо шудаанд.

Дар диссертатсия хидматҳо ва осору мақолаҳои пурарзише, ки дар ин ҷода аз ҷониби С. Айнӣ, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, С. Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, Н. Маъсумӣ, А. Маниёзов, Р. Ҳодизода ва олимони даврони истиқлоли кишвар С. Амирқулов, А. Муллоев, Х. Олимӣ, Ф. Иброҳимов, М. Абураҳмонов ва З. Бобораҷабова роҷеъ ба таҳияву нашри осор ва таҳлилу таҳқиқи намунаҳои осори Аҳмади Дониш арзи вуҷуд намуда буданд, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, дар фасли мавриди назар аз таҳлилу таҳқиқи олимони соҳаҳои

дигар, ба мисли фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ низ ёдоварӣ шудааст, ки ҳар яке аз онҳо дар ҷойи худ Аҳмади Донишро ҳамчун донишманд ва мутафаккири ҳамон соҳаи илм муаррифӣ кардаанд.

**Фасли сеюми боби аввали** кори диссертатсионӣ ба мавзуи **«Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик»** бахшида шудааст ва он аввалин маротиба дар чунин шакл таҳлил гардида заҳматҳои олимони тоҷик дар шинохти Аҳмади Дониш ва муаррифии ҳунарҳои гуногуни ӯ ба таври зарурӣ нишон ва дар баробари ин норасоиҳои ҳанӯз ҷойдошта дар пажуҳиши ҳаматарафаи мутафаккир дар ин фасл қайд гардидаанд, ки аз дигар вежагиҳои диссертатсия маҳсуб меёбад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш»** унвон дорад, ба таҳқиқи заминаҳои пайдоиш ва густариши андешаҳои адабии Адиб пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин боб тарҳрезишударо дар ду фасл ва фасли аввали он вобаста ба таҳлили масъалаҳои фарогирифташуда ба чор зерфасл ҷудо намуда, баррасӣ кардааст.

Диссертант дар **фасли аввали боби дуюм «Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии андешаҳои адабии Аҳмади Дониш»**-ро муайян намуда, онҳоро ҳафт омил дониста, бо мисолҳои мушаххас дар чор зерфасл мавриди таҳлил қарор додааст, ки аз дастовардҳои муҳими дигари муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**«Муҳити хонаводагӣ ва истеъдоди фитрию азалии Дониш» зерфасли якуми фасли аввали боби дуюми** диссертатсияро фароҳам оварда, дар он роҷеъ ба саҳми волидайн дар тарбияи Аҳмади Дониш таҳлилу баррасӣ анҷом ёфтааст.

Аз омилҳои дигари муҳим, ки ба таҳаввули андешаҳои Аҳмади Дониш таъсиргузор буданд, ин осори динӣ ва маҳфилҳои қиссаю таъриххонӣ маҳсуб меёбанд, ки масъалаи мазкур дар **зерфасли дуюми фасли аввали боби дуюми** таҳти унвони **«Таъсири осори исломӣ ва маҳфилҳои қиссахонию таъриххонӣ ба таҳаввули андешаҳои Аҳмади Дониш»** пажуҳиш сурат гирифта, дар он аз ҳаёти донишманд мисолҳои зарурӣ таҳлилу баррасӣ гардида, барои тақвияти андешаҳои хеш муаллифи кор аз гуфтаҳои худи Аҳмади Дониш намунаҳои зиёде овардааст.

Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар **зерфасли сеюми фасли аввали боби дуюми** кор ба **«Нақши ашъори гузаштагон ва муҳити адабии замони Аҳмади Дониш дар таҳаввули андешаҳои адабӣ ва назарии ӯ»** сухан ба миён оварда, афзудааст, ки «Аҳмади Дониш шахсияти дар руҳияи фарҳангу адаби миллӣ тарбиятёфта буд ва яке аз воситаҳои тарбияти ӯ шеъру адаби классикии форсу тоҷик маҳсуб меёбад» (диссертатсия, с. 69).

Чунин муҳит ба Аҳмади Дониш имкон дод, то ӯ қабоҳати ашъору афкори шоирони дарбор ва хайрхоҳии шоирони асилро ошкор созад ва муҳити мазкур ба ҳайси омили дигари изҳори андешаҳои бадеии Аҳмади Дониш амал кард ва дар ин хусус дар диссертатсия таҳлили муфассал ва ҳамаҷониба сурат гирифтааст.

**Зерфасли чоруми фасли аввали боби дуюм** таҳти унвони **«Омӯзиш ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар»** манзур гардида, зерфасли чоруми фасли якуми боби дуюми рисоларо ташкил додааст. Дар маҷмуъ, тамоми муҳаққиқони осору афкори Аҳмади Дониш шиносоии ӯро бо ҳаёту тамаддуни мардуми Русия ба таври мустақим ва бо фарҳангу зиндагонии мардумони Аврупо тавассути Русия ва ҳикояту нақлҳои дӯстону ҳамсафарон аз муҳимтарин ва асоситарин омили пайдоишу ташаккули афкори маорифпарваронааш медонанд.

Дар ин бахш, эпизодҳое ҷудогона дар диссертатсия оварда шуда, ба таҳлили онҳо пардохта шудааст, ки муносибати ҷомеаи бегонаро ба шеъру шоирӣ ва ба ҳунару ҳунармандӣ бо муносибати ҷомеаи худ дар муқоиса гузошта, хулосаҳо баровардааст.

**«Назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва таъсири он ба андешаҳои адабии ӯ» фасли дуюми боби дуюми** кори диссертатсиониро ташкил медиҳад. Бар асоси ақидаҳои худи мутафаккир ва хулосаҳои таҳлилу таҳқиқи муҳаққиқони соҳаҳои гуногун роҷеъ ба андешаҳои маорифпарваронаи ӯ муқаррар гардидааст, ки андешаҳои адабии Аҳмади Дониш қисмате аз андешаҳои маорифпарваронаи ӯро фароҳам овардаанд, зеро асли онҳо маърифати тарбиявии адабиёти бадеӣ мебошад.

**Боби сеюм ба «Таҳлили ақидаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш»** ихтисос дода шудааст. **Фасли аввали** он ба таъйини масъалаи **«Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ»** бахшида шуда, дар он, асосан, ҳаллу фасли тавсиф ва мазаммати шеъру шоирӣ аз ҷониби Аҳмади Дониш ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ҳамчунин, маълум карда шудааст, ки қавли Аҳмади Дониш дар масъалаи шеъру шоирӣ ҳамгун набуда, дар ин қисмат, диссертант кӯшидааст, то ҳар ду андешаи Аҳмади Донишро нисбат ба шеъру шоирӣ аз лиҳози воқеӣ баррасӣ ва таҳлил намуда, бо афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ муқоиса карда, ба чунин натиҷа расидааст, ки «ӯ шеър ва шоири асилро мепазирад ва онро эҳтиром мегузорад, ҳарчанд ба шоирони мамдуҳи замони хеш эътимод надорад» (диссертатсия, с. 87).

**Фасли дуюми боби сеюми** кори диссертатсионӣ – **«Истилоҳоти адабӣ ва истифодаи онҳо дар осори Аҳмади Дониш»** аз чаҳор зерфасл иборат аст.

**Зерфасли аввал «Мафҳум ва ҳадафи сухан аз нигоҳи Аҳмади Дониш»** номгузорӣ шуда, дар хусуси истифодаи калимаи «сухан» ҳамчун истилоҳ ва ҳамчун шакли асосии баёни каломи бадеъ ба риштаи таҳлил

кашида шуда, дар **зерфасли дуюм «Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш»** ба таҳқиқи масъалаи дарки мафҳуми аҳли қалам дар осори ӯ бахшида шудааст.

**«Шарҳ ва истифодаи истилоҳҳои «шароеъ», «саноеъ», «бадоеъ», «фасоҳат» ва «балоғат» аз ҷониби Аҳмади Дониш» зерфасли сеюми фасли дуюми боби сеюми** диссертатсияро фароҳам овардааст. Мақсад аз овардани ин истилоҳот дар бахши мазкур муайян намудани назари Аҳмади Дониш нисбат ба онҳо мебошад, ки ба андешаҳои адабию назарии ӯ иртиботи мустақим доранд. Диссертант барои ҳар як истилоҳ аз осори Аҳмади Дониш намунаҳо оварда, ба таҳлили онҳо пардохта, фикру андешаҳои хешро баён намудааст.

**«Истифодаи истилоҳоти навъ ва жанрҳои адабӣ дар осори Аҳмади Дониш»** унвони **зерфасли чоруми фасли дуюми боби сеюм** мебошад. Дар ин бахш доир ба жанри ҳикоят, ривоят, базл ё базла, истилоҳҳои қисса, қисас, сарузашт ва ахбор, истифодаи Аҳмади Дониш аз унвон ва шакли жанрҳои манзум ва номҳои онҳо, дар хусуси мафҳуми навъ ё жанри ҳар яки онҳо маълумот дода, назари Аҳмади Донишро дар диссертатсия ҷамъоварӣ ва мавридӣ баррасӣ қарор додааст.

**Фасли сеюми боби сеюми кор** ба таҳқиқи масъалаи **«Шеър ва ҳунари шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш»** бахшида шудааст. Яке аз масъалаҳои марказӣ дар андешаҳои адабии мутафаккир шарҳи шеър ҳамчун санъати нафиса мебошад ва муаллифи диссертатсия дар ин фасл ба чунин хулоса омадааст, ки «Аҳмади Дониш тарафдори таъсири шеър ба нафс аст, вале интизории ӯ аз натиҷаи ин таъсир аз шеършиносони пешин фарқ мекунад. Ба хаёл бурдани хонанда ва дар дилу андешааш шӯру ҳаяҷон овардан хоссияти шеър аст...» (диссертатсия, с. 129) ва андешаашро аз гуфтаҳои худи Аҳмади Дониш **асоснок** намудааст.

**«Назар ва андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Дониш»** унвони **фасли чоруми боби сеюми** кори диссертатсионӣ буда, дар он чанд вазъи ташреҳи суханони гузаштагон ва эроду накди ин симо ба шеъри ҳамасрони хеш таҳлил гардидааст, ки, воқеан, ба ҳунари ноқидии ӯ далолат мекунад. Самти дигаре, ки андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Донишро фароҳам овардааст, таҳлилу таъбирҳои ӯ роҷеъ ба суханони Абдулқодири Бедил, махсусан дар шарҳи маъно ва мазмуни рубоиҳои ӯ, равона шудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 13 банд фароҳам омада, натиҷаи омӯзиш, ҷустуҷӯ ва пажӯҳиши масоили тарҳрезишуда дар бобу фаслҳои кори таҳқиқӣ мебошанд.

Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки доир ба ин мавзуи муҳимми илмӣ аз ҷониби довталаб таълиф ва интишор шудаанд, муҳтавои асосии

диссертатсияро фаро гирифта, ба **талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ **мувофиқат менамояд.**

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.** Бо вуҷуди таҳлилу таҳқиқи ҷолиби таваҷҷуҳ ва дастовардҳои назарраси илмӣ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ҳарчанд номи кор – «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» муҳтавои бобу фаслҳоро фаро мегирад, бо вуҷуди ин, агар диссертатсия «Афкори адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш» унвон мегирифт, беҳтар мешуд.

2. Ба назари инҷониб, баъзан осори илмии марбут ба мавзуъ аз назари муаллифи диссертатсия дур мондаанд. Аз ҷумла, таълифоти С. Амирқулов («Масъалаи самтгирии илмӣ дар таҳқиқи эҷодиёти Аҳмади Дониш ва мактаби адабии ӯ»), М.А. Баровандӣ («Назми давраи маорифпарварӣ дар Эрон ва Тоҷикистон (охири асри XIX-ибтидои асри XX)») ва М. Мирзоюнус («Аз таърихи адабиёти тоҷик дар охири садаи XIX-нимаи аввали садаи XX»).

3. Дар зикри номҳо дар диссертатсия гуногуннависӣ ба назар мерасад. Чунончи, дар як ҷой Аҳмад-Махдуми Дониш, ҷойи дигар Аҳмади Дониш ва ё танҳо Дониш. Ба ҳамин монанд дар як ҷо Шарифҷон-Махдум, ҷойи дигар Садри Зиё манзур мегардад.

4. Фасли аввали боби сеюм – «Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ» ва фасли сеюми ҳамин боб, яъне «Шеър ва ҳунари шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш»-ро тавъам намуда, дар як фасл ҷой додани онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

5. Дар кори илмӣ аз овардани калимаҳои тавсифӣ ва ибороте чун: (аз зумраи он адабиётшиносон с.17), (бояд гуфт с. 39), (мавриди зикр аст с. ), (ҷойи зикр аст, ки с. 52 ва 55), (метавон гуфт, ки с. 55), (ҷойи тазаккур аст, ки с. 73-76) худдорӣ намуда, сухани дар зеҳн бударо, ки барои тақвияти андеша аст, дар кори илмӣ бе овардани чунин иборот иброз бояд дошт.

Ба таври умум, эродҳои зикршудаислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собирзода Ҳ.Ю.
«27» июли соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нахимов бинои 64/7а, ҳуҷраи 210
Тел.: (+992) 111-15-02-83
E-mail: hamza_sobirov@inbox.ru

Имзои Собирзода Ҳамза Юсуфро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«27» июли соли 2026.